«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
________________ Сатторзода Б.А.
«17» ______________ соли 2026

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ба мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи тахқиқ.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсонро арзиши олӣ шуморида, ҳуқуқҳои фитрии ӯро дахлнопазир эътироф намудааст. Ҳаёт ҳамчун ҳуқуқи фитрии инсон зери ҳимояи махсуси давлат қарор дошта, муҳимтарин объекти бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда эътироф шудааст. Ислоҳоти ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ идома доранд, зарурати таҳқиқоти амиқи назариявии масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба миён мегузоранд. Раванди такмили низоми қонунгузорӣ, махсусан дар самти ҳуқуқи ҷиноятӣ, бо ҳадафи мутобиқ намудани меъёрҳои миллӣ ба арзишҳои умумибашарӣ ва талаботи давлати ҳуқуқбунёд амалӣ мегардад. Дар ин замина, таҳлили илмии асосҳои назариявӣ ва амалии ҳифзи ҷиноятӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии давлат аҳамияти хоса касб мекунад.

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба принсипи эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ, ки дар моддаи 5

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, самти худро муайян мҷнамояд. Эътирофи ҳаёт ҳамчун неъмати бебаҳо ва арзиши волои иҷтимоӣ, давлатро ухдадор месозад, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳифзи самараноки онро таъмин намояд. Дар ҳамин иртибот, қонунгузор дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои ба худкушӣ расонидани шахси дигар пешбинӣ намудааст. Ин меъёр ба ҳифзи ҳаёт ва бехатарии ҳолати руҳии шахс равона гардида, ҷавобгарии ҳуқуқиро нисбат ба кирдорҳое муқаррар менамояд, ки дар натиҷаи фишор, таҳдид, муносибати бераҳмона ё дигар шаклҳои таъсиррасонии ғайриқонунӣ шахсро ба худкушӣ водор месозанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи моҳият, аломатҳо ва унсурҳои таркиби ин ҷиноят, инчунин таҳлили масъалаҳои марбут ба татбиқи амалии он, барои такмили назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти назаррас дорад.

Мушкилоти бандубасти дурусти ҷиноятe, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, дар амалияи татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ масъалаҳои ҷиддӣ ва баҳсбарангезро ба миён меорад. Махсусан, таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми муайян намудани аломатҳои таркиби ба худкушӣ расонидан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо як қатор душвориҳои назариявӣ ва амалӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Пеш аз ҳама, мушкилоти асосӣ ба исботи робитаи сабаби миёни кирдори ғайриқонунӣ ва оқибати ба амал омада, яъне худкушии ҷабрдида марбут мебошад. Дар чунин ҳолатҳо, зарур аст, ки бо далелҳои кофӣ ва боэътимод исбот карда шавад, ки маҳз ҳаракат ё беҳаракатии субъекти ба худкушӣ расонидан, ки метавонад дар шакли таҳдид, таҳқир, муносибати бераҳмона, фишори равонӣ ё дигар таъсирҳои ғайриқонунӣ зоҳир гардад, ба ҳолати равонии ҷабрдида таъсири ҳалкунанда расонида, ӯро ба худкушӣ водор намудааст. Муайян намудани ин робитаи бевосита, махсусан дар шароите, ки омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, равонӣ ва шахсӣ метавонанд дар қароргирии ҷабрдида нақш дошта бошанд, кори ниҳоят мураккаб ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, душвориҳои ҷиддӣ ба муайян намудани шакли гуноҳ вобастаанд. Масъалаи он ки гунаҳгор бо қасди бевосита, қасди бавосита ё беэҳтиётӣ кирдорро содир кардааст, дар бандубасти дурустӣ ҷиноят аҳамияти ҳалкунанда дорад. Тавсифи нодурусти унсури субъективии таркиби ҷиноят метавонад боиси тағйири бандубасти ҳуқуқӣ гардад. Ҳамзамон, яке аз масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ зарурати фарқгузории ин ҷиноят аз таркибҳои ба ҳам монанд мебошад. Аз ҷумла, сухан дар бораи ҷиноятҳое меравад, ки ба ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф ё озодии шахс равона шудаанд ва дар натиҷаи таъсири онҳо ҷабрдида даст ба худкушӣ мезанад. Аз ин рӯ, мубрамияти диссертатсияи мазкур дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои ба худкушӣ расонидан, ки барои рушди

назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили амалияи судӣ аҳамияти назаррас дорад, эътироф мешавад.

Ҳамин тавр, мавзуи диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дорои мубрамияти илмӣ ва амалӣ буда, ба рушди назария, такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи қонунггузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои дар рисолаи диссертатсионии Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикргардида дар сатҳи илмӣ ва ҷавобгӯ ба талабот баҳо дода мешавад. Бар асоси таҳлили комили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе кишварҳои хориҷӣ, адабиёти ватаниву хориҷӣ, таҳлилҳои оморӣ ва амалияи тафтишотиву судӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ба даст оварда шудаанд.

Асоси методологии таҳқиқоти дисертатсионии Саидзода Меҳрубон Акбархонро усули диалектикии дарки зуҳуроти иҷтимоӣ ташкил дода, дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои махсуси илмии зерин истифода бурда шудаанд:

– усули муқоисаи таърихӣ: таҳлили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро дар бораи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан дар назар дорад;

– муқоисавӣ-ҳуқуқӣ: аз таҳлили муқоисавии ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ иборат аст;

– усули оморӣ: аз ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ, миқдори ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли тағйирёбии онҳо иборат аст;

– усули мушаххаси сотсиологӣ: зимни гузаронидани пурсиши хаттии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, адвокатҳо, инчунин пурсиши мухотабон истифода бурда мешавад;

– усули расмии мантиқӣ: аз таҳлили аломатҳои таркиби ба худкушӣ расонидан бо таваҷҷуҳ ба амалияи судиву тафтишотӣ иборат аст.

Далелҳои бо илми ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснокгардида, таҷрибаи татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба худкушӣ ва маводи парвандаи ҷиноятии ба худкушӣ расонидан собит намудааст, ки вобаста ба инкишофёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва шаклҳои содиршавии ба худкушӣ расонидан, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон дар самти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан ба такмил ниёз дорад. Вобаста ба ин, дар диссертатсия пешниҳод гардидааст, ки ҷиҳати мутобиқати қонунгузориии ҷиноятӣ ба шаклҳои нави бахудкушӣ расонидан,

диспозитсияи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ифода карда шавад.

Ҳамчунин, дар диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон пешниҳодоти мушаххас оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба унсурҳои объективӣ ва субъектибии таркиби ба худкушӣ расонидан, аз ҷумла, тарзҳои содир намудани ҷиноят, шакли гуноҳ ва субъекти бахудкушӣ расонидан, таҳия гардидаанд, ки дар маҷмуъ барои баланд гардидани сифати илмии таҳқиқот мусоидат кардаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ зикр гардидааст, ба такмили минбаъдаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ равона карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии баанҷомрасонидаи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар он ифода меёбад, ки бори аввал кирдорҳои пешбининамудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо роҳи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида ба худкушӣ ё сӯиқасди худкушӣ расонидани шахс) бо таҳияи консепсияи муаллифӣ оид ба таҳлили назариявӣ ва амалии масъалаҳои мубрами вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, низомноксозӣ ва дақиқсозии як қатор мавқеъҳои устувори доктриналӣ, инчунин пешниҳод намудани мафҳумҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои нави илмии муаллифӣ муайян мегардад, ки қаблан дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ба таври мустақил таҳия нагардида буданд.

Дар диссертатсия таҳлили илмии таърихии ташаккул ва рушди институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан анҷом дода шуда, дар натиҷа марҳилаҳои асосии инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардидаанд.

Ҳамчунин, дар доираи таҳқиқот мазмун ва сохтори ҳамаи унсурҳои таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан, аз ҷумла объект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноят, ба таври мукаммал ва низомнок мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шуда, дар қисми хотимавии диссертатсия, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, вобаста ба ҷанбаҳои алоҳидаи унсурҳои таркиби ҷиноят, аз ҷумла субъекти ҷиноят пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илмӣ-амалӣ таҳия ва ироа гардидаанд, ки ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиккунӣ равона шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ вобаста ба танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан амалӣ гардида, равишҳои гуногуни қонунгузорӣ, хусусиятҳо ва

фарқиятҳои танзими меъёрӣ муайян карда шудаанд. Дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқот имконият ва мувофиқати истифодаи баъзе муқаррарот ва таҷрибаи ҳуқуқии хориҷӣ ҷиҳати такмил ва ислоҳи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ вобаста ба масъалаҳои танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан амалӣ карда шуд. Дар доираи ин таҳлил, хусусиятҳои ташаккул ва рушди меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии давлатҳои гуногун, равишҳои қонунгузории онҳо нисбат ба муайян намудани аломатҳои таркиби ҷинояти мазкур, доираи кирдорҳои ҷиноятӣ, шаклҳои таъсиррасонӣ ба ҷабрдида ва шартҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси гунаҳкор мавриди баррасии муфассал қарор гирифтанд. Дар заминаи натиҷаҳои бадастомада, имконият ва мувофиқати истифодаи баъзе унсурҳои таҷрибаи пешқадами ҳуқуқии хориҷӣ ҷиҳати такмил ва рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Аз ҷумла, пешниҳод гардидааст, ки ҳангоми ислоҳи меъёрҳои дахлдор таҷрибаи давлатҳое, ки механизмҳои дақиқи муайян намудани робитаи сабабӣ ва шаклҳои таъсири равонии ин ҷиноятро пешбинӣ намудаанд, ба инобат гирифта шавад. Пешниҳодҳои мазкур ба баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ равона гардидаанд.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот дар он инъикос мегардад, ки дар раванди таҳқиқот маълумотҳои омории Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023 оид ба ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда тибқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба худкушӣ расонидан, инчунин парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, самаранок истифода ва хулосабарорӣ гардидааст. Хулосаҳои илмии муаллиф бар пояи таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ асос ёфта, далелҳои дар рисола овардашуда аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ пурра боэътимод ва асоснок мебошанд.

Ҳамин тариқ, навоварии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дорои заминаи устувори назариявӣ ва амалии илмӣ буда, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи ҳаёти шахс ҳамчун муҳимтарин объекти бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда менамояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Меҳрубон Акбархон аҳамияти муҳим дар рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, бахусус дар таҳқиқоти минбаъдаи илмии ҷиноятҳо ба муқобили ҳаётро доро мебошад.

Тавсияҳо ва муқаррароти илмии пешниҳоднамудаи муаллиф заминаи назариявии донишҳоро вобаста ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷиноятии ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан ба таври назаррас комилтар гардонида, ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ин самт мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот имконият фароҳам меоранд, ки равишҳои мавҷуда нисбат ба бандубасти ин кирдор, фарқгузории он аз таркибҳои ҷиноятии ҳаммонанд, инчунин дарки моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқии он аз нав арзёбӣ ва такмил дода шаванд.

Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки онҳо метавонанд аз ҷониби муҳаққиқони дигар ҳангоми анҷом додани таҳқиқоти илмии марбут ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои ҳаммонанд, инчунин дар ҷараёни ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии рисолаи диссертатсионӣ дар он ифода мeёбад, ки муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии таҳиянамудаи муаллиф метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодӣ зимни таҳия ва такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла моддаи 109, дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳамчун заминаи методӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва ягонагии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии дахлдор, инчунин дар соҳаи таълимӣ-методӣ ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ, дастурҳо ва тавсияҳои методӣ ва дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи ҳуқуқ истифода гарданд.

Аҳамияти иқтисодии диссертатсия дар он ифода мегардад, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ, худкушӣ ба давлат зарари муайян мерасонад. Аз даст додани сармояи инсонӣ ба худкушӣ расонидан дар байни ҷавонон ва аҳолии қобили меҳнат рух медиҳад. Ин маънои гум кардани қувваи корӣ ва мутахассисони ояндаро дорад, ки метавонистанд дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ саҳм гузоранд. Ҳамчунин, худкушии сарвари оила ё волидайн боиси он мегардад, ки фарзандони онҳо зери ҳимояи давлат (нафақаи маъюбӣ, хонаи кӯдакон) қарор гиранд. Таҳқиқоти самарабахш ва пешгирии ин ҷиноят хароҷоти буҷетро дар ин самт кам мекунад.

Худкушӣ падидаи фоҷиабори иҷтимоӣ мебошад, ки дар бисёр ҳолатҳо натиҷаи муносибати бераҳмона, таҳдидҳо ва пастзании мунтазами шаъну эътибори ҷабрдида ба шумор меравад. Аҳамияти иҷтимоии диссертатсия дар инҳо ифода мегардад:

– механизмҳои пешгирии зӯровариро дар оила, ҷойи кор ва муҳити таълимӣ такмил медиҳад;

– роҳҳои нави фош ва муқаррар кардани ҷиноятҳои тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла Интернет содиршавандаро нишон медиҳад;

– дар ҷомеа сатҳи кирдорҳои дорои хусусияти фишори равонӣ, паст задани шаъну шараф, таҳқир ва муомилаи бераҳмона нисбати шахсро коҳиш медиҳад;

– барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва огоҳ кардани онҳо аз оқибатҳои ба худкушӣ расонидан хизмат мекунанд.

**Дарҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ асосан аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ ва маълумотҳои гуногуни оморӣ бармеояд, ки дар онҳо ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили беш аз 160 парвандаҳои ҷиноятӣ ба назар гирифта шудаанд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсия ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва манобеи илмии эътирофшуда асоснок карда шудаанд. Барои тақвияти эътимоднокӣ, таҳқиқот ҳамчунин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва омӯзиши падидаҳои мушаххаси судӣ, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан рабт доранд, фаро гирифта шудааст. Ҳамаи ин равишҳо ба таъмин намудани натиҷаҳои ҳамаҷониба, амиқ ва боэътимод дар таҳқиқот мусоидат намуда, ба арзёбии дуруст ва татбиқи муассири хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ замина фароҳам меоранд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқ бо назардошти таҳлили ҳамаҷониба, муқоисаи манбаъҳои гуногун ва истифодаи усулҳои муосири илмӣ дурустӣ, асоснокӣ ва эътимоднокии худро исбот намуда, заминаи устувор барои татбиқи амалии онҳо дар таҳияи Стратегияи пешгирии ҷиноятқорӣ ва амалӣ намудани тавсияҳо ва хулосаҳои мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меоранд. Илова бар ин, натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун манбаи илмӣ ва методологӣ барои таҳқиқоти минбаъда, рушди қонунгузорӣ ва такмили амалияи ҳуқуқӣ хизмат намоянд, ки дар маҷмӯъ ба беҳбудии системаҳои қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ва устувории иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки натиҷаҳои илмии бадастомада, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқарраротҳо ва тавсияҳои амалӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, пурра аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия ва асоснок карда шудаанд. Муаллиф тамоми равандҳои таҳқиқотӣ – аз ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои эмпирикӣ ва

оморӣ то таҳлили санадҳои меъёрӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи хориҷӣ – мустақилона ва бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ ба анҷом расонидааст. Ин раванд нишондиҳандаи баланди соҳибистиқлолии илмию таҳқиқотӣ ва малакаи эҷодии довталаб дар коркарди масоили мураккаб ва таҳияи ҳалли илмӣ мебошад. Илова бар ин, саҳми шахсии муаллиф дар таҳия ва асоснок намудани натиҷаҳо зоҳир мекунад, ки ӯ на танҳо қобилияти таҳлили мушкилоти назариявӣ ва амалӣ, балки малакаи таҳияи тавсияҳои низомнокӣ ва муассирро низ дорад. Ин хусусиятҳои эҷодкорӣ ва мустақилият ба довталаб имконият медиҳанд, ки на танҳо натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок созад, балки инчунин онҳо барои татбиқи амалӣ дар соҳаҳои қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати роҳнамои илмӣ хизмат кунанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин, дар пешниҳоди равиши нави илмӣ ба ҳалли масъалаҳои мубрам, ки ба бандубасти доктриналии ҷинояти ба худкушӣ расонидан хосанд, ба таври возеҳ ифода меёбад. Ин равиш на танҳо таҳкими таҳлили назариявиро таъмин мекунад, балки имконият фароҳам меорад, ки таҳлили ҳамаҷонибаи таркиби ҷиноят, ташаккули унсурҳои объективӣ ва субъективии ҷиноят ба таври низомнокӣ ва методологӣ амалӣ гардад. Илова бар ин, равиши пешниҳодшуда заминаи устувори амалиро барои баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирии ҷиноятkорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки нақшаҳо ва стратегияи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва танзими чунин кирдорҳо боэътимод ва муассир татбиқ шаванд. Дар маҷмӯъ, ин равиш ба таҳкими қонуниятҳои доктриналӣ ва эҷоди асос барои рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад, ки нишондиҳандаи мустақилияти илмӣ ва эҷодкории муаллиф дар ҳалли масъалаҳои ҷиноятӣ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаҳои илмӣ инъикос гардида, ба баррасии паҳлӯҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар ин нашрияҳо хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён гардидаанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи диссертатсия мавзуи таҳқиқшаванда дақиқ ва мақсаднок асоснок карда шудааст. Дар он дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, заминаҳои эмпирикӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ муайян карда шудаанд.

**Сохтори рисолаи илмӣ.** Диссертатсияи таълифнамудаи Саидзода Меҳрубон Акбархон аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, дар умум 190 саҳифаро дар бар мегирад. Дар ҳар як боб пайдарҳамии мантиқӣ риоя гардида, дорои таҳлили муфассал мебошад, ки муҳтавои умумии мавзуъро ҳамаҷониба фаро мегирад.

Боби аввали диссертатсия «Таҷрибаи таърихии муқовимат бар зидди ҷиноятҳои ба худкушӣ расонидан» ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб масоили мафҳум, сабабҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ба ҷамъият хавфнокӣ, инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, инчунин ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар зербоби аввал мафҳум, сабабҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ба ҷамъият хавфнокии ба худкушӣ расонидан мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин ҷо муалиф табиати ҳуқуқии ҷиноятии ба худкушӣ расониданро мушаххас намуда, мафҳуми мукаммали ба худкушӣ расониданро пешниҳод кардааст. Муаллиф ба хулоса омадааст, ки хавфнокии ҷамъиятии ба худкушӣ расонидан, пеш аз ҳама, дар вазнинии зарари маънавӣ ва равонии ба шахс расонидашуда, халалдорсозии шаъну эътибори ӯ ва вайрон гардидани асосҳои муҳими ҷамъиятӣ ифода меёбад.

Дар зербоби дуюми боби аввал масоли инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан таҳқиқ гардидааст. Таҳқиқи таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан имкон додааст, ки марҳилаҳои асосии ташаккул ва инкишофи ин падида, аз ҷумла дар самти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии он, муайян карда шаванд.

Таҳқиқи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар зербоби сеюми боби якум ба роҳ монда шудааст. Диссертант дар ин зербоб таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ аз қабили Австрия, Ҳиндустон, Италия, Дания, ИМА, Филиппин, Чили, Аргентина, Англия, Нидерланд, Испания, Булғористон, Литва, Македонияи

Шимолӣ, Сербия, Судон, Федератсияи Россия, Қирғизистон, Беларус, Туркманистон, Арманистон, Молдова ва ғайраҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, таҷрибаи муваффақтарини онро ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардааст.

Боби дуюми диссертатсия «Аломатҳои объективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан» унвон дошта, он аз ду зербоб иборат аст. Дар ин боб объект ва тарафи объективӣ ҳамчун унсурҳои объективии таркиби ба худкушӣ расонидан таҳқиқ гардидаанд.

Зербанди якуми боби дуюм «Объекти ба худкушӣ расонидан» унвон дорад. Объекти ҷиноят барои бандубасти ба худкушӣ расонидан ва фарқгузории он аз дигар таркибҳои ба он монанд ҳамчун аҳамияти калидӣ баҳо дода шудааст. Дар ин замина, диссертант зикр намудааст, ки объекти ҷинояти ба худкушӣ расонидан танҳо ҳаёти инсон ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун арзиши олӣ ва мустақил аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз карда мешавад. Дар баробари объекти ин ҷиноят, муаллиф предмети ҷиноятро ҳамчун аломати факултативии объекти ҷиноят мавриди таҳқиқ қарор дода, ақидаҳои муаллифии худро ироа кардааст.

Ҳангоми таҳқиқи тарафи объективии ба худкушӣ расонидан дар зербоби дуюми боби ду, муаллиф бар он назар устувор аст, ки ҳарчанд аломатҳои тарафи объективӣ дар ин ҷиноят аз лиҳози зоҳирӣ бо аломатҳои баъзе ҷиноятҳои дигар (моддаҳои 111, 112, 119, 129, 130 КҶ ҶТ ва ғайра) шабоҳат доранд, вале онҳо аз ҷиҳати моҳият ва табиати ҳуқуқӣ тафовут доранд. Вобаста ба таҳқиқи аломатҳои объективии ба худкушӣ расонидан, диссертант хулоса ва пешниҳоди асоснокро ироа намудааст.

Боби сеюм «Аломатҳои субъективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан» ном дошта, дар он таҳлили ҳамаҷонибаи субъект ва тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан, инчунин ҷудо намудани таркиби ба худкушӣ расонидан аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар зербоби аввали боби сеюм «Субъекти ба худкушӣ расонидан» диссертант ишора намудааст, ки бе таҳқиқи пурраи субъекти ҷиноят ҳамчун унсури таркиби ҷиноят татбиқи механизми ҷалб ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ғайриимкон аст. Субъекти ба худкушӣ расонидан шахси воқеие мебошад, ки то лаҳзаи содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Расидан ба ин син шарти ҳатмии ҷалб намудани шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ зикр намудааст, ки субъекти ҷиноят ҳангоми содир намудани ҷиноят қобилияти дарк намудани ҳаракат ё беҳаракатии худро ва идора кардани онҳоро дошта бошад (қисми 1 моддаи 24 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ҳамчунин, қонунгузор субъекти махсусро пешбинӣ менамояд, яъне шахсе, ки ҷабрдида дар

вобастагии моддӣ ё вобастагии дигар аз ӯ қарор дорад. Бо дарназардошти пешбинӣ гардидани субъекти махсус дар моддае, ки ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан муқаррар менамояд, зарурати равшан намудани муҳтавои субъекти махсуси ҷиноят ба миён меояд. Вобаста ба ин, муаллиф ба хулоса омадааст, ки ба сифати субъекти махсуси ба худкушӣ расонидан, мутобиқи қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ шахсе, ки аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар тобеи гунаҳкор мебошад, эътироф мешавад. Яке аз субъектҳои қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ ин шахси мансабдор мебошад, ки тавассути баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ содир кардааст.

Зербоби дуюми боби сеюм «Тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан» номгузорӣ шудааст. Ба андешаи муаллиф, дар илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ихтилофи назаррас нисбат ба тарафи субъективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан мушоҳида мегардад. Бархе аз муҳаққиқон бар онанд, ки ин ҷиноят метавонад ҳам қасдона (бо қасди бевосита ё бавосита) ва ҳам аз рӯи беэҳтиётӣ (дар шакли бепарвоии ҷиноятӣ) содир гардад. Равиши илмии дигар имкони содир шудани онро бо қасди бевосита ё бавосита эътироф мекунад. Ҳамаи ин равишҳо баҳсноканд, зеро ҷанбаи принсипиалӣ дар он аст, ки таркиби ҷинояти мазкур дар назар дорад, ки ҷабрдида қобилияти иродаи озодро нигоҳ дошта, имкони интихоб байни худкушӣ ва даст кашидан аз он қадамро доштааст. Диссертант ба хулоса омадааст, ки кирдори шахси гунаҳгор танҳо бо қасди бевосита содир мегарданд, зеро ӯ маҳз бо ҳамин роҳ ният дорад аз ҳисоби ҷабрдида манфиати моддӣ ба даст орад. Ӯ зикр менамояд, ки ҷорӣ намудани чунин меъёр имкон медиҳад хусусияти хоси кирдори ҷиноятӣ дақиқтар инъикос ёфта, самаранокии таъсири ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баланд бардошта шавад.

Саидзода Меҳрубон Акбархон дар зербоби сеюми боби мазкур «Ҷудо намудани таркиби ба худкушӣ расонидан аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд» асоснок кардааст, ки чунин шаклҳои рафтори ғайриқонунӣ, аз қабили тарсондан, муносибати бераҳмона, латукӯб, расонидани зарари ҷисмонӣ ё равонӣ, инчунин пастзании тӯлонии шаъну эътибори инсон, дар сурати мавҷуд будани робитаи сабабӣ бо худкушии ҷабрдида, одатан аҳамияти таркиби мустақили ҷиноятиро аз даст дода, ҳамчун усулҳои содир намудани ҷинояти ба худкушӣ расонидан арзёбӣ мегарданд. Ҳамзамон таъкид карда мешавад, ки дар ҳолатҳое, ки хусусият ва шиддати таъсири татбиқшуда дараҷаи маъмулии хавфнокии ҷамъиятии ин ҷиноятро хеле зиёд менамояд (масалан, ҳангоми қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё истифодаи шиканҷа), зарурати бандубасти кирдор тибқи маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба миён меояд. Дар хулосаи зербоб, ҷудосозии боэътимоди ба худкушӣ расонидан аз одамкушӣ ва дигар ҷиноятҳои ҳаммонанд танҳо дар

сурати таҳлили ҳамаҷонибаи ҳамаи унсурҳои таркиби ҷиноят, аз ҷумла дараҷаи озодии иродаи ҷабрдида, хусусияти рафтори ӯ ва накши воқеии шахси гунаҳгор дар ташаккул ва фаро расидани оқибати марговар, ироа гардидааст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия ба меъёрҳои муқарраршудаи таҳияи рисолаи илмӣ ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои илмии он бо такя ба заминаи назариявӣ, қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи муқоисавӣ асоснок карда шудаанд.

Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, ҳаҷм ва мазмун комилан анҷомёфта эътироф гардида, метавонад ҳамчун таҳқиқоти илмии мустақил ва дорои арзиши назариявию амалӣ баҳо дода шавад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Барасмиятдарории диссертатсия бо риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои грамматикӣ ва академӣ иҷро гардида, талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ пурра таъмин шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Саидзода Меҳрубон Акбархон ба ихтисоси илмии дархостшаванда 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Таҳкиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки мавзуъ ва муҳтавои он пурра ба самти илмии номбурда мувофиқ аст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз натиҷаҳои бадастомадаи илмии назаррас ва аҳамияти баланди илмиву амалӣ доштани диссертатсия, он дорои як қатор ҳолатҳои баҳсталаб мебошад, ки асосан хусусияти ҷузъӣ доранд:

1. Муаллиф дар мафҳуми пешниҳоднамудаи худ истилоҳи «мунтазам паст задани обрӯ ва эътибори шахс»-ро истифода бурдааст. Бо дарназардошти он ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми «мунтазам» метавонад тафсирҳои гуногун дошта бошад (ду ё зиёда аз се маротиба) (саҳ. 22-23 диссертатсия), хуб мешуд, агар дар матн меъёри дақиқи ин мунтазамият барои маҳз ҳамин намуди ҷиноят муайян карда мешуд.

2. Дар таҳлили КҶ Ҷумҳурии Молдова муаллиф мафҳуми «сафедкунии оммавии худкушӣ»-ро зикр карда, онро як намуди таҳрикнамоӣ меномад (саҳ. 61 диссертатсия). Бо вуҷуди ин, дар пешниҳодҳои ниҳоӣ (барои КҶ ҶТ) муаллиф дар бораи ворид кардани ин меъёр ба таври кофӣ хулосабарорӣ накардааст, ки ин яке аз масъалаҳои мубрами рӯз дар Тоҷикистон мебошад.

3. Муаллифи диссертатсия дуруст қайд кардааст, ки объекти бевоситаи моддаи 109 КҶ ҶТ – ҳаёти инсон аст (саҳ. 78-82 диссертатсия), вале бо дарназардошти он ки худкушӣ метавонад ба суиқасд (зинда мондани шахс) анҷом ёбад, бояд қайд кард, ки дар ин ҳолат объект на танҳо «ҳаёт», балки «саломатӣ» низ мебошад. Ин нукта дар таснифоти объектҳои бевоситаи асосӣ ва иловагӣ шарҳи бештар мехоҳад.

Бояд эътироф намуд, ки мулоҳизаҳои зикршуда ва эродҳои ҷузъии пешниҳодшуда хусусияти мубоҳисавӣ дошта, арзиши аслии назариявӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мувофиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79, ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ №10 аз 13 марти соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Оралбаева Хамза Хайдарович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 5.5.8.), дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва моливии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти № 9 аз 16 марти соли 2026.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобозода Ҷ.Қ.

**Ташхисгар:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Оралбаев Х.Х.

**Котиби ҷаласа:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Табаров Н.А.

Имзои Бобозода Ҷ.Қ., Оралбаев Х.Х., ва котиби ҷаласа Табаров Н.А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992(37)231-02-01. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj.

«16» марти соли 2026